**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа» (дар мисоли Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) иешниҳод шудааст:**

1. Диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа » (дар мисоли Тоҷикистон) яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дорои аҳаммияти илмию амалӣ мебошад. Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳои таҳлилӣ ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои илмӣ-амалии ташаккули системаи сиёсии ҷомеаро фаро гирифта, дурнамои рушди ниҳодҳои сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ ва фаъолияти сиёсиро инъикос менамояд. Муаллиф муайян намудааст, ки омӯзиши сохтор, вазифаҳо имконияту қобилиятҳо ва масъалаҳои марбути системаи сиёсӣ имкон фароҳам меорад, ки нақши мусбати ин падидаи муҳими ҳаёти сиёсӣ дар рушди ҷомеа дуруст муайян карда шавад. Азбаски системаи сиёсӣ нисбат ба зерсистемаҳои дигар ва умуман, системаи ҷамъиятӣ нақши муайянкунандаро мебозад, пас он вазифаҳои муҳим ва ҷиддиро дар ҷомеа иҷро мекунад. Зимни амалишавии онҳо системаи сиёсӣ аз рушди иҷтимоию фарҳангӣ ва тамаддунии ҷомеаи башарӣ набояд сарфи назар намояд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Таҳқиқот дар асоси осори илмӣ-сиёсӣ, асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ, сарчашмаҳо, маводи интернетӣ таълиф гаштааст. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи муаян мебошад. Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) мувофиқат мекунад, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ тибқи фармоиши

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31 марти соли 2021, таҳти №102/ш.д ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва ба қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, таҳти № 5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмии муаллиф, ки аз ин шумора 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ шудааст ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳлилӣ ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) шаҳодат медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Қаландаров Кароматулло Қаландарович маълумоти носаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи муаллифи диссертатсия нашргардида, мавҷуд намебошад.

7. Мазмуну мухтавои автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гадидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа » (дар мисоли Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

– Акмалова Мунира Абдунабиевна, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, декани факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

– Комилбек Амид Ёрбек, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Нуриддинов Р.Ш.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Саидов Ҳ.С.

доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Саидов А.С.

имзои / подписи
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.